Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи: «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D051200-Омор пешниҳод шудааст.**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ, ки қариб 74 фоизи онро аҳолии деҳот ташкил менамояду нерӯи асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, дар ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои мавҷудаи иқтисодю иҷтимоӣ ҷои асосиро ишғол менамояд. Зиёда аз он, бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2021-ро солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудааст, ки ин тасмим метавонад ба ғанӣ гардидани захираҳои моддӣ, молиявӣ ва дар маҷмӯъ ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз мавзӯи барои таҳқиқот интихоб намудаи унвонҷӯ **мубрамӣ ва заруририяти баргузории** онро тасдиқ менеамояд.

Дар кори диссертатсионии ба ҳимоя пешкаш карда шуда дуруст қайд гардидааст, ки омӯзиш ва таҳқиқи илмии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мавзӯи муҳим ҳисобида шуда, мубрамияти онро дучанд мегардонад зеро бунёди инфрасохтори сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва ҷойҳои нави корӣ як василаи дигаре мебошад, ки таъсири мусбии худро ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, бахусус дар деҳот мерасонад.

Омӯзиши омории масъалаи мазкур ва таҳқиқи нишондиҳандаҳои ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъсиррасон саривақтӣ ва мубрам буда, пешниҳоди хулоса ва тавсияҳои илман асоснок дар ин ҷода муҳим мебошанд. Зеро сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар муқоиса бо аҳолии шаҳр нисбатан тафовут дорад ва метавон дар асоси истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ, сармоя ва дигар имкониятҳо даромади ҳақиқии аҳолии деҳотро баланд бардошта, дараҷаи тафовутро ба эътидол оварад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 156 саҳифа баён гардидааст. Дар матни диссертатсия 11 диаграмма, 5 расм, 35 ҷадвал ва 15 формула истифода гардидааст.

Бо мақсади пурра таҳқиқ намудани объекти таҳқиқоти дессертатсионӣ, муаллиф аз Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои солонаи Президенти кишвар, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, барномаҳо ва стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии СММ, Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ, ҳисоботҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Созмони ҷаҳонии меҳнат истифода намудааст.

Муаллиф ҳадафи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун омӯзиши асосҳои назариявӣ ва такмили методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, мувофиқи он масъалаҳои таҳқиқотро дар пеши худ гузошта, ба фикри мо, аз ӯҳдаи иҷро ва ҳалли онҳо баромадааст.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф усулҳои маъмули оморӣ ба монанди усули ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, низоми нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, усули таҳлили индексӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, каҷхатта, коэффитсиенти Ҷинӣ ва Лоренс, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ, усули компонентҳои асосӣ,

банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ васеъ истифода гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар **муқаддима** мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, объект ва усулҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

Боби аввал **"Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот"** номгузорӣ карда шуда, ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, низоми нишондиҳандаҳои омории он ва усулҳои омории баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот бахшида шудааст. Аз ҷумла дар ин боб қайд гардидааст, ки баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат буда, ҳалли ин масъала бештар аз муайян намудани самт ва суръати дигаргуншавии сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъият вобаста аст (саҳ. 15).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сиёсати иҷтимоии давлат ҳадафи асосии беҳтар гардонидани ҳолати иҷтимоӣ, саломатӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад ва дар солҳои наздик яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад. Бинобар ин ҳамаи он тағйиротҳое, ки боиси дигаргуншавии сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ мегардад, пеш аз ҳама бевосита таъсири худро ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мерасонанд (саҳ. 27-29).

Бо роҳи гузаронидани таҳқиқи омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, ки ниҳоят васеъ, гуногунпаҳлу ва мураккаб буда, бо фарогирии як нишондиҳанда ё ҳалли як масъала ғайриимкон аст, пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми баҳодиҳии оморӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ, демографию экологӣ ва ҷуғрофӣ бояд васеъ истифода гарданд (саҳ. 36-39).

Дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалии арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ, ки аз тарафи муаллиф тарҳи низоми нишондиҳандаҳои сатҳи

зиндагии аҳолии деҳот тартиб дода шуда пешниҳод карда шудааст, ҷолиби диққати махсус мебошад (саҳ. 51).

Дар боби дуюми диссертатсия **“Таҳқиқи омории даромадҳои пулӣ яке аз нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот”** арзёбии омории даромадҳои пулии аҳолии деҳот гузаронида шуда, усулҳои омории ченкунонии даромадҳои пулии аҳолии деҳот ва ҳамзамон нишондиҳандаҳои интегралии сатҳи зиндагӣ ва қашшоқии аҳолии деҳот дида баромада шудаанд.

Муаллиф дар боби мазкур таснифоти даромадҳои пулии аҳолии деҳотро таҳлил намуда (саҳ. 55-56), хусусиятҳои омории ҳисобкунии нишондиҳандаҳоро дида баромадааст (саҳ. 58-59). Ба ақидаи ӯ ҳангоми баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот беҳтар мебуд, ки аз низоми ягонаи нишондиҳандаҳои интегралӣ истифода бурда шавад, ки он дар намуди расми 2.3 (саҳ. 74) аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Боби охирон «**Моделсозии иқтисодӣ–омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот**» ном дошта, ҳамзамон, татбиқи моделҳои иқтисодӣ–оморӣ дар пешгӯии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, таҳлили омилии нишондиҳандаҳои натиҷавии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳқиқи омории нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот бо истифода аз усули индексиро дар бар мегирад.

Ба андешаи муаллиф истифодаи модели риёзӣ дар таҳқиқоти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва бахусус дар арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз усулҳои илмии ҷолиби диққат аст, зеро ба воситаи он натиҷаи дилхоҳро ба даст овардан мумкин аст (105-106).

Таҳлили коррелятсионӣ бошад, барои тафтиши алоқамандӣ ва қонунияти тағирёбии аломатҳои натиҷавию омилӣ истифода гардида, бо воситаи он омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот шарҳ дода мешаванд, ки мақсаднок будани таҳлили омилҳо бо мавҷудияти робита байни ҳамаи тағирёбандаҳо муайян карда шудаанд (саҳ. 117-118). Ин гуфтаҳоро асоснок карда истода, муаллиф таҳқиқи омории нишондиҳандаҳои

сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро бо истифода аз усули индексиро дар зербоби охирон овардааст (134-136).

Дар қисмати хулосаҳо натиҷаҳо ва тавсияҳои мушаххаси илмии дар рафти гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ба даст даровarда шуда баён ва ҷамъбаст гардидаанд.

Навгониҳои илмии кори диссертатсионӣ аз коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти омории мавзӯи интихобшуда иборат буда, ба фикри мо, натиҷаҳои асосии зеринро дарбар мегиранд:

– аз тарафи муаллиф шарҳи васеътару аниқтари мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;

– омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот муайян гардида, дараҷаи таъсири онҳо ошкор карда шудааст;

– низоми нишондиҳандаҳои маҷмӯии баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд;

– дар асоси коркарди методологияи омории арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот тафриқа аз рӯи даромад ва хароҷот миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ муайян карда шуда, нишондиҳандаи миёнаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;

– тамоюли муосири тағйирёбии ҳолати демографӣ дар деҳот таҳқиқ гардида, дараҷаи таъсири он ба сатҳи зиндагӣ муайян ва ошкор карда шудааст;

– модели иқтисодӣ-риёзии таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба сатҳи зиндагии аҳолӣ дида баромада шуда, модели оптималӣ ва муносиб барои аҳолии деҳот пешниҳод гардидааст;

– усули индексии таҳлили омории аҳолии деҳот, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ татбиқ гардида, ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматрасонӣ бо назардошти тағйирёбии шумораи аҳолии деҳот муайян карда шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи тақризшавандаи Ашуров Ф.М. кори илмии анҷом ёфта шуморида шуда, ба таҳқиқи мавзӯъи мубрами рӯз бахшида шудааст. Натиҷаҳои илмии бадастовардашуда эътимоднок мебошанд ва характери илмию амалиро доронд.

Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки дар кори диссертатсионии тақризшаванда камбудию норасоиҳо зерин мавҷуданд:

1. Дар қисми назариявӣ дида баромадан ва муайян намудани дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, иқтибосҳо ба корҳои илмӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз тарафи муаллиф ба олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ кам аҳамият дода шудааст. Хуб мешуд, ки докторант ба асарҳои олимони ватанӣ бисёртар такя карда аз онҳо васеътар истифода мебурд.

2. Дар саҳифаҳои 44-45 муаллиф барои баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои хориҷӣ (ШМА, Фаронса, Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Русия) – ро дида баромада ба ҷои он, ки коркарди ин масъалаҳоро дар ташкилотҳои илмию амалии ватанӣ таҳлил намояд, қайд менамояд, ки “Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳодиҳии сатҳи зиндагӣ микдори нишондиҳандаҳоро расман муайян накардааст”.

3. Диаграммаи 2.1 (саҳ. 57) нодуруст тартиб дода шуда, аломатҳои гурӯҳбандии шаҳру деҳот ва сарчашмааш муайян карда нашудаанд.

4. Дар мундариҷа “Рӯйхати адабиёти истифодашуда........141” оварда шуда дар саҳифаи 142 “Номгӯи адабиёт” номгузорӣ карда шудааст, ки он бояд ба ифоқа оварда шавад, аз нав дида баромада шавад (ишора ба солҳо, саҳифаҳо, ному насабҳо ва ғ.) ва мувофиқи талабот тартиб дода шавад.

5. Дар кори диссертатсионӣ ному мундариҷаи ҷадвалу (1.1, 1.3, 1.5, 2.1, 2.3, 2.4, 2.6, 2.10, 2.12, 2.14, 2.15, 3.1, 3.3, 3.5) расму (1.1, 1,2) диаграммаҳо (1.1, 1.2, 1.3, 2.1, 2.3, 2.4) алқадри ҳол ислоҳ карда шуда, хатогиҳои ҷойдошта бартараф карда шаванд, ба онҳо ишора карда шуда, дар матн бояд таҳлил карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ошкоршуда бештар характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва аҳамияти амалии онро паст намесозанд. Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми коркард, такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, кори диссертатсионии Ашуров Ф.М. дар мавзӯи: «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051200-Омор ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба ин унвон арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**профессори кафедраи «Менеҷмент ва маркетинг»-и Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон** **Амонова Д.С.**

Суроға:
(734000), Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел: (992) 37 221-35-50,
факс: (992) 37 221-35-50,
почтаи элек: p.rektora@mail.ru.
Телефони дастӣ: 918-74-94-94
E-mail: dilbar_amonova@mail.ru